*УДК 341*
**DOI** *10.24412/2411-1945-2022-4-2022-35-41*

***МЕХАНИЗМҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ДАР БАХШИ СОҲИБКОРӢ***

***Ҷумъаев Исматҷон Султонҷонович***
*унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***МЕХАНИЗМЫ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО ПАРТНЁРСТВА В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОМ СЕКТОРЕ***

***Джумаев Исматджон Султонджонович,*** *соискатель кафедры предпринимательского и международного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***MECHANISMS OF LEGAL SUPPORT OF STATE PARTNERSHIPS IN THE ENTREPRENEURIAL SECTOR***

***Jumaev Ismatjon Sultonjonovich****,* *applicant of the department of entrepreneurial and international law under TSU LBP* ***E-MAIL:*** *hukumatt@mail.ru*

*Асосҳои ҳуқуқӣ, самтҳои асосӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии инкишофи шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ баррасӣ шудааст. Аз нуқтаи назари мақоми қонунгузории мамлакат механизмҳои ҳуқуқии пешнибигардидаишарикии давлатӣ дар соҳои соҳибкорӣ ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Ҳарчанд қонунгузории граждани ва қонун дар бораи шарикии давлатию хусусӣ механизмҳои инкишофи шарикии давлатро дар бахши соҳибкори муайян кардаанд, чи тавре ки амалия нишон медиҳад, татбиқи шарикӣ коркарди механизми такмилро дар асоси фаъолияти ҳаётии воқеӣ таколо мекунад. Хулосаю натиҷаҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда, татбиқи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар соҳибкорӣ, роҳҳои такмили шарикӣ ба воқеияти имрӯза мувофиқанд ва фаъолияти соҳибкории субъектҳоро инъикос мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия, механизми ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, соҳибкорӣ, шарикии давлат, таъмини ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроия, ҳимояи ҳуқуқӣ*

*Рассмотрены правовые основы, основные направления и правовые аспекты развития государственного партнёрства в предпринимательском секторе. С точки зрения положений законодательного органа страны рассмотрены предусмотренные правовые механизмы государственного партнёрства в предпринимательской сфере. Хотя механизмы развития государственного партнёрства в предпринимательском секторе определены гражданским законодательством, законом о государствено-частном партнёрстве, но, как показывает практика, реализация партнёрства требует разработки усовершенствованного механизма исходя из реальной жизнедеятельности. Выводы и заключения по совершенствованию действующего законодательства, реализации механизмов государственно-частного партнёрства в предпринимательстве, разработки путей совершенствования партнёрства соответствуют реалиям сегодняшнего дня и отражают предпринимательскую деятельность субъектов.*

***Ключевые слова:*** *конституция, правовой механизм, законодательство, предпринимательство, государственное партнёрство, правовое обеспечение, исполнительный орган, правовая защита*

*The given article dwells on legal frameworks, main directions and legal aspects of the*

*development of public partnerships in the entrepreneurial sector. From the point of view of the position of the legislative body of the country, there are considered the provided legal mechanisms of state partnership in the business sphere. Although the mechanisms for the development of state partnerships in the entrepreneurial sector are determined by civil legislation, the law on public-private partnerships, but as the practice of implementing partnerships shows, it requires the development of an improved mechanism based on real life. Inferences and conclusions on the improvement of the current legislation, implementation of public-private partnership mechanisms in entrepreneurship, development of ways for improving partnerships correspond to the realities of today and reflect the entrepreneurial activities of the subjects.*

***Key-words:*** *constitution, legal mechanism, legislation, entrepreneurship, public partnership, legal support, executive body, legal protection*

Кафолати конститутсионии таъмини ҳуқуқи ҳар шахс ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ, мунтазам ба даст овардани фоида, таъмини манфиатҳои иқтисодии шахсии худ бевосита аз таъмини ҳуқуқӣ вобастагии калон дорад. Таъмини ҳуқуқӣ дар меъёри қонунҳои кишвар ҳарчанд муқаррар шуда бошад ҳам, бидуни механизмҳои ҳуқуқӣ амалӣ гардонидани онҳо имконнопазир аст.

Дар Конститутсия меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки дар онҳо таъмини ҳуқуқии шарикии давлат дар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян гардидааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Баробари ҳамин, дар меъёрҳои конститутсионӣ пешбинӣ шудааст, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад [1, с.3].

Олимон қайд менамоянд, ки мақсади танзими давлатии иқтисодиёт таъмини амалинамоӣ ва ҳимояи манфиатҳои оммавӣ, ба монанди ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сиҳатии аҳолӣ, ҳимояи табақаҳои камбизоат мебошад, ки амалӣ намудани онҳо бе таъсир ба иқтисодиёт ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, бе дахолати давлат ба иқтисодиёт таъмини кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудаанд, имкон надорад[8, с.141].

Дар радифи ин қайд кардан лозим меояд, ки маҳз механизми ҳуқуқӣ манфиатҳои давлату ҷамъият, ҳуқуқии хусусӣ-шахсиро дар доираи талаботи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ таъмин менамояд. Олим Бахтиёр Самадов дуруст қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ аз меъёрҳои танзими хусусии ҳуқуқӣ ва оммавии ҳуқуқӣ иборат буда, баробари қонеъгардонии манфиатҳои шахсӣ меъёрҳои ҳуқуқ дар фаъолияти соҳибкорӣ ӯҳдадориҳоро дар назди давлат ба субъекти ҳуқуқ пешниҳод менамоянд[9, с.16].

Ҳамин тавр, дар сарчашмаҳои илмӣ қайд мегардад, ки механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон маҷмӯи тарз, усул ва воситаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути онҳо ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд ҳимоя мегарданд. Намудҳои гуногуни механизми ҳимоя вучуд доранд. Дар илми ҳуқуқи инсон механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро ба ду гурӯҳи калон ҷудо менамоянд; механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон[12, с.119].

Механизмҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар бахши соҳибкорӣ, моҳиятан шарикии давлат, дар меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 136 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок шудааст, «Мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ, ки бо санади қонунӣ, низомномаҳо ё санади дигари муайянкунандаи ҳолати

ҳуқуқии ин мақомот муқаррар гардидааст, метавонанд аз номи Тоҷикистон бо молу мулки худ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои молу мулкӣ, шахсии ғайримолу мулкиро ба даст оварда, татбиқ намоянд, дар суд баромад кунанд»[2, с.69]. Гузашта аз ин, асоснок гардидааст, ки «иштирокчиёни муносибатҳои бо қонунҳои гражданӣ танзимшаванда шаҳрвандон, шахси ҳуқуқӣ, давлат ва воҳидҳои марзию маъмурӣ мебошанд» [2, с.4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои рушдёфта танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷараёни ба амал баровардани он бевосита бо қонунгузории гражданӣ амалӣ мегардад. Аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории гражданӣ баръало равшан аст, ки доираи татбиқи ваколат ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарикиро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ ифода менамояд.

Мақомоти қонунгузории кишвар асоснок намудааст, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ «ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд оқилона, одилона ва боинсофона талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфтаро, принсипҳои ахолқи ҷомеаро, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд»[2, с.7].

Ба андешаи мо, дар назар дошта шудани оқилонагӣ, одилонагӣ ва боинсофӣ дар амали иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ба моҳияти назариявӣ мувофиқ карда, амали оқилона, одилона ва боинсофонаи ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун принсипи асосӣ, зимни коркарди қонунгузории нави соҳа бо моддаҳои алоҳида, муқаррар карда шавад. Зеро, зарурати коркарди механизми шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ тақозои замони муосир буда, аз тарафи мақомоти қонунгузор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд оқилона, одилона ва боинсофона чораҳои дақиқ андешида шавад. Инчунин, пурзӯр намудани ниҳоди ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкорӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ баҳри рушди самтҳои асосии иқтисодиёти кишвар муҳим мебошад[14, с.158-159].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №907, аз 28 декабри соли 2012 «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» омадааст, ки «механизми **оқилона** механизмест, ки дар доираи он ташкилоти фармоишгар метавонад ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявиеро, ки эҳтимол дорад, иҷро кунад дар доираи созишнома аз ҳисоби маблағи мавҷуда ёояндаи буҷетии худ иҷро намояд»[3]. Дар моддаи мазкур ифодаи ташкилоти фармоишгар истифода шудааст, ки ин мақомоти марказӣ ва ё маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, барои бастани созишнома бо шарики хусусӣ дар доираи қонуни мазкур ваколат дорад. Қонунгузор муқаррар намудааст, ки шарики хусусӣ соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки лоиҳаи инфрасохтор ё хизматрасониро дар соҳаи иҷтимоӣ мутобиқи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ менамоянд.

Дуруст қайд карда мешавад, ки «ҳангоми гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ механизми арзёбии хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ пурра танзими ҳуқуқии худро наёфтааст»[6, с.141]. Натиҷаҳои татбиқи механизмҳои шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ мувофиқи ақидаҳои муаллиф бевосита аз таъсиррасонии давлатӣ, сарчашмаҳои молиявӣ-буҷетӣ вобастагии калон дорад.

Ҳамин тавр, татбиқи ҳуқуқии шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ аз рӯйи принсипҳои муқарраргардидаи мақомоти қонунгузорӣ оқилонаю хирадмандона ба амал бароварда мешавад. Баробари ин, аз мазмун ва моҳияти қонунии фаъолияти соҳибкорӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки вазифаи асосии давлат муҳайё сохтани имконияти шарикӣ дар бахши соҳибкорӣ, таъмини дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ба андешаи мо, дар замони муосир, дар шароити дигаргунии куллии ҳаёти иҷтимоӣ, ки сиёсат, иқтисодиёт ва ҳуқуқ мунтазам тағйир ёфта истодаанд, нақши ғояҳои комилу коркардшудаи ҳуқуқӣ, механизмҳои татбиқи он аз назари миллӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Профессор Абдураҳим Холиқзода қайд менамояд, ки «илми ҳуқуқшиносии миллиро низ зарур аст, ки тарзу усул, воситаю механизмҳо ва шаклу навъҳои мухталифу муосири

таъсиррасонии ҳуқуқиро ба тафаккури мардум ва қишрҳои мухталифи ҷомеа чунон коркард намояд, ки ҷомеа дар маҷмўъ, арзишҳои заминавии ҳуқуқиро дуруст ва мутобиқ ба ҳадафҳои қонунгузор ва давлат қабул карда тавонад. Шароити ташаккули рўҳу равони миллатро ба гунаи қабули ҳуқуқи амалкунанда омода карда, роҳ ва усулҳои фарҳангии ҳалли баҳсҳои иҷтимоиро тавлид созад»[13, с. 334]. Албатта, ақидаҳои олим дар ҷодаи амалигардонии шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ мувофиқ буда, ҳама вақт такомули қонунгузории ҷориро тақозо дорад. Зеро то имрўз бештари қонунҳои ҷорӣ дар бахши шарикии (ҳимоя ва дастгирӣ) давлат дар бахши соҳибкорӣ вобаста ба рушди самтҳои иқтисодиёт такмил наёфтаанд. Масалан, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», ки соли 2012 қабул шудааст, то имрўз ягон тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид нагардидаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки «муносибатҳои байниҳамдигарии давлат бо субъектони соҳибкорӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ гардонида мешавад»[7, с. 410]. Албатта, рушди устувори ҳамкорӣ, шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ имрўз ҳамчун принсипи самараноки татбиқи сиёсати иқтисодиёти бозорӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва зарурат дорад. Дар ин бобат, Белитская А. В. ишора ба он менамояд, ки мақсади ин шарикӣ на қонеъ гардонидани манфиатҳои давлат, балки қонеъ гардонидани манфиатҳои аъзои иттиҳодияҳои субъектони соҳибкорӣ, фаъолияти тиҷоратӣ мебошад [5, с. 46].

Олим Бахтиёр Самадов қайд менамояд, ки аз рўйи моҳияти худ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ худ ҳамкории байни давлат, мақомоти давлат ва субъектони фаъолияти соҳибкориро ифода мекунад. Дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷанбаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла ҷавобгарии граждании-ҳуқуқии иштирокчиёни он баромад мекунад[10, с. 125].

Баробари ҳамин, мақомоти қонунгузори кишвар дар Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (аз соли 2012) механизмҳои таъмини ҳуқуқии шарикии давлат дар бахши соҳибкориро ҳамчун татбиқи сиёсати давлат пешбинӣ намудааст. Ҷолиби қайд аст, ки мувофиқи механизмҳои мазкур соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ имрўзҳо бояд ба таври зарурӣ рушд мекард. Яъне, он дар боби 2 Қонуни мазкур бо номи ”Механизмҳои институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ” пешбинӣ карда шудааст.

Моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» пешбинӣ менамояд, ки созишнома метавонад ба шарики хусусӣ ҷиҳати ба даст овардани ҳуқуқи муқаррар кардан, гирифтан ё ҷамъ кардани пардохти ҳаққи хизматрасониро ҳангоми татбиқи лоиҳаи шарикӣ мутобиқи шартҳои Созишнома иҷозат диҳад. Созишнома усулу шаклҳои муқаррар ва тасҳеҳ намудани пардохти ҳаққи хизматрасониро мутобиқи шартҳое, ки мақоми танзимкунандаи салоҳиятдор муқаррар намудааст, пешбинӣ менамояд.

Таҳлили меъёрҳои қонуни мазкур шаҳодат медиҳад, ки ташкилоти фармоишгар ин мақомоти марказӣ ва ё маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, дорои ваколатҳоест, ки дар моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» пешбинӣ шудааст. Дар асоси ин меъёрҳо, ба ваколати мақоми давлатӣ баррасӣ намудани лоиҳаи пешакии шарикӣ бо асосноккунии техникию иқтисодии замимашуда, ки аз ҷониби ташкилоти фармоишгар таҳия гардидааст ва тавсияи он сохтори дахлдор дар мавриди он ки лоиҳаи пешниҳодшуда барои ташкилоти фармоишгар дар асоси механизми оқилона пешниҳод шудааст ва ба талабот ҷавобгў аст, дохил мешаванд.

Тавре амалияи фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад, лоиҳаҳои манзуршудаи субъектони соҳибкорӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ баррасӣ шуда, то мақсади ниҳоӣ рафта намерасад. Ҳарчанд мақсади субъектони соҳибкорӣ рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, мунтазам ба даст овардан фоида, беҳтар намудани некўаҳволии мардум,

таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ аст, лекин дар баъзе маврид “манфиатҳои хусусӣ”-ӣ яке аз иштирокчиёни шарикии давлат бо бахши хусусӣ садди роҳи амалинамоии иқдомҳои соҳибкорон мешавад.

Профессор Ҳоҷимуҳаммад Умаров дуруст қайд намудааст: “...аз чор тараф чунон ба сармоягузор, соҳибкор хуҷум кардаанд, ки ӯ наметавонад имкониятҳои дохилии истеҳсолотро амалӣ созад. Бубинед, Президенти кишвар пайваста ба мақомоти тафтишгар мегӯяд, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаҳо камтар дахолат кунед. Аммо тафтишгарон ба ҷои кам зиёд шудаанд”[11, с. 12].

Дар ин радиф, аз меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ бармеояд, ки дар созишнома ҳама масъалаҳое, ки тарафҳо зарур меҳисобанд, аз ҷумла масъалаҳои зерин ҳатман пешбинӣ карда шаванд:

- Механизмҳо барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба хароҷоти иловагӣ ва дигар оқибатҳое, ки метавонанд дар натиҷаи ягон дастур аз ҷониби ташкилоти фармоишгар ё дигар мақоми давлатӣ ба вуҷуд оянд, аз ҷумла ҳар гуна ҷубронҳое, ки шарики хусусӣ ҳуқуқи ба онҳо даъво карданро дорад;

- Ҳуқуқ ва механизмҳои истифодашавандаи танзими баҳсҳое, ки метавонанд байни фармоишгар ва шарики хусусӣ ба миён оянд (бандҳои 8, 14 моддаи 29 Қонун “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”).

Ҳамин тавр, аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, амалияи фаъолияти соҳибкорӣ, татбиқи шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии таъмини кафолати рушди соҳибкорӣ бояд мунтазам такмил ёбад. Баробари ин, механизмҳои воқеан амалишавии шарикии давлат бо субъектони соҳибкорӣ, коркарди роҳҳои ҳимоя ва дастгирии (ҳуқуқӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ғайра) субъектони соҳибкорӣ, самтҳои асосии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамаҷониба таъмин гардад.

Ба андешаи мо, дар қонунгузории ҷорӣ бояд манфиатҳои қонунии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ мустаҳкам шуда бошад. Зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба миён омадааст. Зарурати коркарди механизми шарикии давлат ва бахши соҳибкорӣ тақозои замони муосир буда, аз тарафи қонунгузор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ бояд чораҳои судманд андешида шавад. «Пурзӯр намудани ниҳоди ҳимояи манфиатҳои қонунии субъектони соҳибкорӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, аз ҷумла шарикии давлат дар шахсияти мансабдорони давлатӣ баҳри рушди самтҳои асосии иқтисодиёти кишвар муҳим мебошад»[15, с. 272].

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки дар ин замина, олим дуруст қайд кардааст: «Бидуни дастрасии ҳадафҳои мазкур рушди бонизоми фазои ҳуқуқии кишвар ғайриимкон аст»[13, с. 335].

Ҳамин тариқ, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои Тоҷикистон падидаи нави ҷалби сармоя ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои иҷтимоии таҳти идораи давлат қарордошта буда, давлат барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби бахши хусусӣ дар амалӣ намудани лоиҳаҳо тавассути шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳавасманд мебошад.

Механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ қисман ё пурра супоридани масъулияти давлат ба соҳибкор барои бунёди инфрасохтор ва хизматрасонӣ бо шарти тақсимоти мутаносиб ва одилонаи даромад ва хавфҳо байни давлат ва шарики хусусӣ, инчунин назорати татбиқи лоиҳа аз ҷониби давлатро дар бар мегирад. Ҷалби сармояи хусусӣ барои

рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки мақсади ҳамкории ду бахш иборат аз тақсимоти одилона ва масъулияти байни ҳамдигар мебошад, ҳадафҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба шумор меравад.

Солҳои охир дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар кишварҳои мухталифи дунё лоиҳаҳои зиёд таҳия гардиданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" соли 2012 қабул карда шудааст, вале то ҳол аз татбиқи он натиҷаи назаррас ва матлуб ба даст наомадааст. Бинобар ин ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриамон ба қонуни мазкур тағйироту иловаҳои дахлдор ворид намоем, то ки он ба дарёфт, омода ва амалӣ кардани лоиҳаҳои шарикӣ мусоидат кунад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016.-300с.*
2. *Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; с. 2015, №3, мод. 200; Қонунҳои ҶТ аз 23.07.2016 с., № 1334; аз 02.01.2019 с., № 1557; аз 02.01.2020 с., №1656; аз 21.01.2020 с., №1657.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» // www.mmk.tj (санаи муроҷиат 11.05.2022).*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; с. 2015, №3, мод. 216; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684.*
5. *Белицкая А. В. Правовое регулирование государственно-частного партнерства. Монография. – М. : Статут, 2012. – 286 с.*
6. *Зарифов У. Нақши падидаҳои таҳлили таъсири танзимкунӣ дар пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раванди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилиҳо // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 31 марти соли 2020. – Душанбе, 2020. - С.520.*
7. *Предпринимательское право Российской Федерации / Отв. ред. Е. П. Губин, П. Г. Лахно. – М. : Норма. Инфрма-М, 2010. – 1110 с.*
8. *Раҳимзода М. З., Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, ДМТ, 2021. – 400с.*
9. *Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, қ. 1. – Хуҷанд, Ношир, 2018. – 520с.*
10. *Самадов Б. О. О гражданско-правовой ответственности в сфере государственно-частного партнерства по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации // Вопросы российского и международного права. 2016.- №10 (октябрь). – М., 2016. – 220 с.*
11. *Умаров Ҳ. Аз дурӯғи омор то омилҳои фирори соҳибкорон аз Тоҷикистон // (Рӯзнома зиёд «Тоҷикистон» яктост), №1-2 (1357), 8 январи соли 2020.*
12. *Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳр. проф. М. А. Маҳмудов – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 650 с.*
13. *Ҳолиқзода А. Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. Масъалаҳои ҳуқуқии ташаккули мафкураи миллӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатӣ. Монография. – Душанбе, ЭР-граф, 2021. – 588 с.*
14. *Ҷумаъев И. С. Оид ба танзими ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши соҳибкорӣ. Танзими ҳуқуқии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ: ҳолат ва дурнамо. Монографияи дастаҷамъона / Зери таҳр. дотс. Б. О. Самадов. – Хуҷанд, Ношир, 2022. – 220 с.*

15. Ҷумъаев И. С., Абдувоҳидов М. Р. Моҳияти соҳибкорӣ дар танзими ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, 2022, №2. – Душанбе, 2022.-550 с.

**Reference Literature:**

1. The Constitution of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, Treasure, 2016.- 306 pp.
2. Civil Code of the Republic of Tajikistan. Tidings of Tajikistan Republic Majlisi Oli (Supreme Council). Part 1 1999, #6 article 153, article 154; 2001, №7, article. 508; 2002, №4, part. 1, article 170; 2005, №3, article 125; 2006, №4, article 193; 2007, №5, article 356; 2010, №3, article 156; №12, part 1, article 802; 2012, №7, article 700, №12, Part 1, article 1021; 2013, №7, article 504; 2015, №3, article 200; TR Laws from 23.07.2016., № 1334; from 02.01.2019 ., № 1557; from 02.01.2020 , №1656; from 21.01.2020 ., №1657
3. The Law of the Republic of Tajikistan "**On Public-Private Partnership**" // www.mmk.tj (date of application 11.05.2022).
4. The Law of the Republic of Tajikistan “On State protection and Support of Entrepreneurship” // Bulletin of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, p. 2014, №7, p. 2, article 404; 2015, №3, article 216; The Law of the Republic of Tajikistan dated 30.05.2017, №1436; from 02.01.2020 s, №1684.
5. Belitskaya A. V. Legal Regulation of Public-Private Partnership: Monograph. - M., Statute, 2012. – 286p.
6. Zarifov U. The Role of the Phenomena of Regulatory Impact Analysis in the Prevention of Corruption Factors in the Legislation of the Republic of Tajikistan. The Legislative Process in the Republic of Tajikistan: Development and Problems // Materials of the Republican Scientific-Practical Conference of the National Legislative Center of the Republic of Tajikistan under the President of the Republic of Tajikistan, March 31, 2020. - Dushanbe, 2020, p. 520.
7. Entrepreneurial Law of the Russian Federation / Editors in charge: Ye. P. Gubin, P. G. Lakhno. - M., Norma. Infrma-M, 2010. – 1110pp.
8. Rahimzoda M. Z., Sanginov D. Sh. Business Law of the Republic of Tajikistan. Textbook. - Dushanbe, NUT, 2021. - 400 pp.
9. Samadov B. O. Entrepreneurial law. Textbook, vol. 1. - Khujand, Publisher, 2018 – 520 p.
10. Samadov B. O. On Civil Liability in the Field of Public-Private Partnership according to the Legislation of the Republic of Tajikistan and Russian Federation // Issues of Russian and International Law, 2016No. 10 (October) . - M., 2016.
11. Umarov Kh. From Statistical Deciets to the factors of the Escape of Entrepreneurs from Tajikistan // Tajikistan (Daily "Tajikistan" is one), #1-2 (1357), January 8, 2020.
12. Juridical Encyclopedic Dictionary / Under the Editirship of Professor Makhmudov M. A.- Dushanbe, Er-Graf, 2012 – 650pp.
13. Kholiqzoda A. G. National Ideology and law. Legal Issues of Formation of National Ideology and Protection of State Independence. Monograph. - Dushanbe, ER-graf, 2021. - 588 pp.
14. Jumaev I. S. On the Legal Regulation of Partnership between the State and the Business Sector. Legal Regulation of the Real Branches of the National Economy: Plight and Prospects. Collective monograph / Under the editorship of. Associate Professor. B. O. Samadov. - Khujand, Publisher, 2022. - 220 p.
15. Jumaev I. S., Abduvohidov M. R. The Essence of Entrepreneurship in the Legal Regulation of Statal-private Partnership // Bulletin of the National University of Tajikistan. Series of socio-economic and social sciences, 2022, No. 2. - Dushanbe, 2022 – 550pp.